Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгохи миллии Точикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминзода Зокирчон Тохир дар мавзуи «Таъини чазо барои мачмуи чиноятхо ва аз руи мачмуи хукмхо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи чиноятӣ ва криминология; хукуқи ичрои чазои чиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 30 сах).

Масоили таъини ҷазо барои мачмуи чиноятхо ва аз руи мачмуи хукмҳо дар илми ҳуқуқи чиноятӣ диккати муҳаккикони сохибзавкро ба худ чалб намуда, яке аз мавзуъҳои мубрами хукуқи чиноятӣ ба хисоб рафта, солхои охир доир ба ин масъала тавачҷуҳи кам зохир мегардад.

Қобили зикр аст, ки институти асосхои умумии таъини ҷазо дар Кодекси чиноятии Ҷумҳурии Точикистон (минбаъд КҶ ҶТ) то хадди муайян коркард ва мустаҳкам карда шудааст.

Аз мохияти автореферат бармеояд, рисоланавис дар мукаддимаи рисола чамбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкурро ҳаматарафа тахлил намуда, халли мушкилотҳои дар ин самт чойдоштаро дар шароити муосир мубрам донистааст.

Дар натичаи таҳкикот муайян намудааст, ки судяҳо, ҳангоми пурра ё кисман зам кардани чазохои барои ҳар як чиноят таъиншуда, инчунин интихоб ва муайян кардани андозаи ниҳоии чазо барои мачмуи чиноятҳо дар бисёр маврид бинобар мушаххас пешбинӣ нашудани меъёр дар Кодекси чиноятӣ ба мушкилиҳо рубару мешаванд.

Масалан ҳангоми муайян кардани чазои нихои барои мачмуи чиноятҳо қонунгузор пешбинӣ накардааст, ки суд ё судя бо ба инобат гирифтани кадом омилҳо ва ё сарчашмаҳо бояд яке аз тарзҳои таъини

ҷазоро (бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнин, пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо) интихоб намоянд.

Рисоланавис бо таҳлили натиҷаи омори судӣ, ҷамъбасти амалияҳои судӣ ва омӯзиши зиёда аз 1000 парвандаи ҷиноятӣ дар ин самт муайян кардааст, ки бо назардошти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ баъзе холигиҳо ҷойдошта, ин ҳолат ба нодуруст таъин гардидани ҷазоҳо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо, инчунин дуруст муайян нагардидани мӯҳлати ниҳоии ҷазо ва мушкилотҳо дар мутобиқгардонии ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ба вуҷуд овардааст.

Аз ҷумла, бо омӯзиши маводи парвандаҳои баррасигардида муайян намудааст, ки судҳо парвандаҳои ҷиноятии аз руи маҷмӯи ҷиноятҳо содиршударо баррасӣ намуда, ҳангоми интихоби намуд ва андозаи ҷазо бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳар як ҷинояти содиршуда, инчунин шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои барои таъини ҷазо аҳамиятдошта дар аксар маврид ҷазоҳои сазовор таъин кардаанд.

Дар баробари ин, ҳангоми таъин кардани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз руи маҷмуи ҳукмҳо судҳо ҷазои ниҳоиро бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳои барои ҳар як ҷинояти содиршуда муайян менамоянд.

Вале дар баъзе ҳолатҳо бо сарфи назар кардани муқарраротҳи моддаҳои 67 ва 68 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе асосноккунии ҳамаҷониба, ҷазои ниҳоиро бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, муқаррар гардидааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои мазкур, пурра кардани холигии дар қонунгузорӣ ҷойдошта, минбаъд бартараф кардани камбудиҳои дар амалияи судӣ ҷойдошта ва риояи қатъии принсипи қонуният, ки дар қ. 1 м. 4 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст муаллиф ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро саривақтӣ ва ба манфиати кор ҳисобидааст.

Аз ин лиҳоз пешниҳод кардааст, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $64^1$ илова гардида, ба тариқи зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 64[1] Таъини ҷазо ҳангоми бо тартиби соддакардашудаи тафтишотӣ судӣ баррасӣ гардидани парванда

Ҳангоми бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ баррасӣ гардидани парванда ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи мӯҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад» ( саҳ. 11).

Илова гардидани моддаи мазкур дар Кодекси ҷиноятӣ меъёри ҳуқуқи моддиро дар Кодекси ҷиноятӣ таҳким бахшида, барои аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани қисми 6 моддаи 310 асос мегардад.

Бинобар ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Аминзода З.Т. дар бартараф кардани мушкилотҳои болозикр муосидат менамояд.

Автореферати диссертатсия фарогири ҳамаи талаботҳои барои чопи он мувофиқ буда, сохтори таҳқиқот пай дар пай, риояи мантиқи илмӣ ва ба инобат гирифтани муқарраротӣ қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ таҳия гардидааст.

Муаллиф 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни мавзуи интихобгардида мавриди омузиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст.

Вале дар баробари муваффақиятҳои болозикр, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд:

Муаллифи автореферати диссертатсия дар таҳқиқоти худ таърихи падидаи таҳлилшаванда, мафҳум ва мақсади ҷазоро мавриди баррасӣ қарор надодааст. Мавриди омузиш ва таҳлил қарор додани таърихи мухтасари

чазо, мафҳум ва мақсади чазо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқи мақсад буд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» корҳои назарраси илмию амалиро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи
кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Шозедов Х.Н.
«30» 03 соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33; Тел.:+992 (37) 221-03-28; тел.моб.:(+992) 93-510-77-11; Email: bobojonov_i@mail.ru